**ХУЛОСАИ**
**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи «Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод шудааст.**

Комиссияи экспертии Шурои дисертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:

– доктори илмҳои фалсафа, профессор Муҳаммадалӣ М. (09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ), раиси комиссия;

– доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷононов С. (09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ), аъзо;

– доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадова М. (09.00.03 – Таърихи фалсафа), аъзо.

Диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи **«Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ»** ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии **номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ,** пешниҳод шудааст, ба яке аз масъалаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи муосир бахшида шудааст. Ташхиси диссертатсияи Зайналов Қ.М. нишон дод, ки масъалаи принсипи антропӣ бо масъалаи кайҳонченакии инсон, бо фалсафаи кайҳонӣ алоқаманд аст ва, билохир, масъалаи калидии фалсафа муносибати тафаккурро ба ҳастӣ низ дахл мекунад. Ба ин принсип, ки дорои дараҷаи баланди илмӣ мебошад, рӯй овардан барои ҳалли вазифаҳои асосии фалсафӣ (донисташаванда будани олам - гносеология, онтология, номология, аксиология ва ғ.) имконияти зарурира мекушояд, арзёбӣ шудааст.

Сарфи назар аз мавҷудияти таҳқиқот ва корҳои нашрӣ доир ба масъалаи мазкур, баъзе аз хусусиятҳои асосии мавзуъ то ҳанӯз ба қадри зарурӣ дар илми ватанӣ мавриди таҳқиқ, махсусан дар самти фалсафаи иҷтимоӣ қарор нагирифтааст. Аз ин сабаб, диссертант бо такя ба сарчашмаҳои мавҷуда кӯшиши исботи онро намудааст, ки ба яке аз масъалаҳои ҳалталаби фалсафа ва илми муосир – ҳамбастагии принсипи антропӣ бо ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ ва назарияи ноосфераро ба риштаи таҳқиқ кашад. Ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ якҷоя бо фанни синергетика назари навро ба олам ҳамчун низоми тағйирёбанда, худташкилшаванда ва ноустувор тавсиф медиҳад. Ҳамчунин, нишон медиҳад, ки ҳама таҳаввулоти глобалӣ аз ҳисоби қувваҳои таъсироти

мутақобилаи унсурҳои таркибии микро, макро ва мегасоҳаҳо амалӣ мегардад.

Ташхиси экспертӣ собит намуд, ки муаллифи диссертатсия ҷанбаҳои иҷтимоӣ–фалсафии масъалаи мазкурро дар партави консепсияҳои фалсафии муосир омӯхта, онро ба амалияи имрӯзаи ҷомеа вобаста намудааст.

Муаллифи диссертатсия муайян намудааст, ки дар ҷомеаи муосир таҳаввулоти глобалӣ ҳамчун ҷаҳонбинии васеи умумиилмӣ ва масъалаи методологӣ тавсиф меёбад.

Аз ташхиси диссертатсияи мазкур бармеояд, ки муаллиф дар самти таҳқиқи масоили фалсафаи иҷтимоӣ кори муайян ва шоистаи дастгириро анҷом додааст. Маъхазҳои истифоданамудаи ӯ адабиёт ва сарчашмаҳои аввал ва муътабари илмианд, ки ин аз мавҷудияти қобилияти мустақилона пешбурдани корҳои илмӣ аз ҷониби ӯ гувоҳи медиҳад. Муаллиф вобаста ба мавзуи кори илмиаш дар маҷаллаҳои илмӣ мақола интишор намуда, дар конференсияҳои илмӣ баромад намудааст.

Мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ ба талаботи меъёрҳои муқарраршуда мувофиқ буда, бо қисмати навгониҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳамоҳанг мебошанд. Ҷанбаи назариявиву амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ тавонистааст заминаҳои назариявию иҷтимоӣ ва аксиологии мавзуъро омӯхта, роҳҳои ҳалли оптималии масъаларо пешниҳод намудааст.

Дар рисола дар асоси методологияи илмӣ-табиӣ, таълимоти таҳаввулоти кайҳонӣ, дар асnои дастовардҳои табиатшиносии муосир ҷанбаҳои фалсафӣ ва методологии таносуби принсипи антропӣ бо таҳаввулоти глобалӣ ва таҳаввули ноосферогенез таҳлил гардида, кӯшиш карда шудааст, ки мақоми онҳо дар низоми фалсафаи илми муосир муқаррар карда шаванд.

Муҳимтарин натиҷаҳое, ки навоварии илмии рисоларо муайян менамоянд, инҳо мебошанд:

1. Бори аввал мазмуни таърихӣ, таҳаввулотӣ, методологӣ, ҷаҳонбинӣ, байнифаннӣ, антропокайҳонӣ, антропоэкологӣ ва арзишии принсипи антропӣ ва таҳаввулоти глобалӣ муфассал баррасӣ гаштааст.
2. Дар рисола асоснок карда шудааст, ки принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ самтҳои афзалиятноки таҳқиқи манзараи илмии оламро ташкил додаанд.
3. Дар доираи таҳқиқоти кайҳоншиносӣ, астрофизикӣ, физикӣ ва биологӣ муайян карда шудааст, ки қонунҳо, принсипҳо ва равандҳои

таҳаввулот на танҳо ба сайёраи замин, балки ба дигар сайёраҳо, галактикаҳо ва, умуман, Коиноти том хос мебошанд.

4. Нававарии дигар аз он иборат аст, ки дар кор бори аввал диққат ба ташаккулёбӣ ва аҳамияти фалсафӣ-методологии фасли нав дар сохтори таълимоти таҳаввулоти универсалӣ - космоглобалистика дода шудааст, ки фаъолияти инсонро берун аз ҳудуди сайёраи Замин меомӯзад. Муайян карда шуд, ки таҳқиқот дар ин самт имкон медиҳад, пешгӯии боз ҳам асосноктари ҷустуҷӯӣ ва меъёрӣ оид ба ояндаи тамаддуни инсонӣ, алоқаи мутақобилаи онҳо бо Замин ва Кайҳон ба даст оварда шавад.

5. Оид ба баъзе мушкилоти илмӣ-табиӣ ва фалсафию методологӣ дар фаҳмиши дастаи Коинотҳо – Мултиверс дар таносуб бо ғояи таҳаввулоти глобалӣ таҳқиқот ба анҷом расонида шуд. Масъалаи дар таркиби Мултиверс ҷой доштани коинотҳои ҷойдорӣ (локалӣ), маҳаллӣ ва кисагӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, нишон дода шудааст, ки айни ҳол баҳсу мунозираҳои илмӣ дар ин ҷода идома доранд.

6. Дар доираи мазмуни фалсафӣ ва илмӣ-табиӣ оид ба робитаи принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ бо назарияи таҳаввулотии В.И.Вернадский оид ба гузариши зисткурра ба ноосфера (курраи хирад) – ноогенез таҳқиқоти инноватсионӣ гузаронида шуд. Асоснок карда шудааст, ки ҷомеаи муосир бояд бо роҳи самти нав дар ҳамбастагӣ, ҳамҷӯрии инсон бо табиат ва зисткурра ва гузариш ба курраи хирад пеш равад. Мутаносибан зарурати кор карда баромадани илми нав таҳти унвони ноогеника асоснок карда шудааст. Таъкид гардидааст, ки имрӯз инсоният бояд дар иҳотаи проблемаҳои умумибашарӣ зиндагӣ карданро омӯзад, вагарна ӯ бо қадамҳои беҳтиётона худро ба нестӣ хоҳад бурд.

Зайналов Қ.М. паҳлуҳои ҳанӯз таҳқиқнашудаи масъалаи мазкурро ошкор намуда, онро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Принсипи антропӣ алоқаи байни инсон ва Кайҳонро муайян мекунад, ки яке аз мавзуъҳои доимии фалсафа ба шумор меравад. Ҳамчунин, аз нигоҳи методологӣ таносуб ва вобастагии мутақобилаи инсон ва Кайҳон, микрокайҳон ва макрокайҳонро муайян менамояд. Аз тарафи дигар, принсипи антропӣ саҳми худро дар муҳокимаи масъалаҳои ҷаҳонбинӣ гузошта истодааст, ки аз байни онҳо аз ҳама муҳимтараш – коркарди асосҳои иҷтимоӣ-фалсафии назарияи ноосфера мебошад.

Ташхиси диссертатсия собит намуд, ки муаллифи он сатҳи омӯзиши мавзуъро мавриди таҳқиқ қарор дода, андешаҳои дар таҳқиқотҳои

пешин баррасишударо мукамал омӯхта, арзишмандии онҳоро муайян намудааст. Таҳлили ҳаматарафаи мавзуъ ба муаллиф имкон додааст, ки мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти хешро ба таври мушаххас муайян намояд.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот ҷанбаҳои методологӣ, фалсафӣ, табиатшиносӣ ва ҷаҳонбинии принсипи антропӣ дар таносуб бо таҳаввулоти глобалӣ ва назарияи ноосфера мебошад.

**Предмети таҳқиқот.** Предмети таҳқиқот вариантҳои гуногуни шарҳи принсипи антропӣ ва нақши он дар асосноккунии ғояи таҳаввулоти глобалӣ ва назарияи ноосфера мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои фалсафӣ, муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ, ки бевосита ба таҳқиқи масъалаи мазкур рӯ овардаанд, такя намудааст. Дар баробари ин, корҳои илмии олимон ва муаллифон, ки дар шакли монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмӣ, инчунин, маъхазҳои электронии интернетӣ вуҷуд доранд, мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтаанд. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро истифодаи методҳои умумии маърифати илмӣ-диалектикӣ, таърихӣ, сохторӣ-системавӣ, таҳлили функсионалӣ ва синергетикӣ, муқоисавӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

Андешаҳо ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия вуҷуд доранд, барои таҳқиқоти минбаъда вобаста ба ин самт, дар фалсафаи иҷтимоӣ замина хоҳанд гузошт. Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва дигар соҳаҳои илмҳои гуманитарӣ, инчунин дар таҳияи монография, дастурҳои таълимӣ, ва ғайра мавриди истифода қарор дод.

Ҳамин тариқ, Зайналов Қ.М. аз уҳдаи ҳалли вазифаҳои гузошташуда баромада, диссертатсияи ӯ таҳқиқоти комилан анҷомёфтаи дорои аҳамияти назариявию амалӣ арзёбӣ мегардад.

**Дар натиҷа, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад:**

1. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро аз ҷиҳати сохторӣ дуруст таҳия намуда, объект ва предмети таҳқиқро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот, дар ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо баёни навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ-фалсафӣ, корро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ

намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф илман асоснок мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

2. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда бо ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамчунин, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017 таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 тахти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

4. Дар диссертатсияи Зайналов Қ.М. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровварда шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида нисбат ба корҳои илмӣ ва аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

5. Дар диссертатсия ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи Зайналов Қ. М. маълумоти ғайрисаҳҳеҳ ба назар намерасад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси талаботи банди 61-и «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи **«Таҳлили илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ»,** ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии **номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ,** ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

– Қаҳҳоров Ғ.Ғ. – доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови АМИТ;

– Абилзода Г.С. – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи давлатии идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Зайналов Қ.М. ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Данғара таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Муҳаммадалӣ М.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Ҷононов С.

доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Маҳмадова М.

12.03.2024.